# ИТТИҲОДИ АВРУПО
## Намояндагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ДУШАНБЕ, 19 ЯНВАРИ СОЛИ 2017**

**БАЁНИЯИ МАТБУОТӢ**

**Намояндаи махсуси Иттиҳоди Аврупо дар Осиёи Марказӣ сафир Петер Буриан ба Тоҷикистон 22-25 январ ташриф меоварад**

Намояндаи махсуси Иттиҳоди Аврупо дар Осиёи Марказӣ сафир Петер Буриан ҳафтаи оянда ба Тоҷикистон ташриф меоварад. Тибқи нақша сафир Петер Буриан бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ Эмомали Раҳмон, Вазири корҳои хориҷӣ ҷаноби Сироҷиддин Аслов ва дигар сиёсатмадорони сатҳи баланд мулоқотҳо анҷом хоҳад дод. Инчунин, сафир Буриан бо муасиссаҳои дипломатии муқими Тоҷикистон, созмонҳои байналмилалӣ, шарикони рушд ва намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷаласаҳо доир хоҳад кард. Сафари мазкур манфиати доимии Иттиҳоди Аврупоро дар густариши муносибатҳои хуб бо Тоҷикистон ва давоми муколамаи озоду сермаҳсул дар тамоми бахшҳои ҳамкорӣ байни Иттиҳоди Аврупо ва Тоҷикистон инъикос менамояд.

Иттиҳоди Аврупо аз 28 давлати узв иборат буда, дар дунё донори бузургтарин аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон бештарин ҳиссаи кӯмаки дутарафаро аз Иттиҳоди Аврупо дар минтақаи Осиёи Марказӣ ба маблағи 251 млн. евро барои солҳои 2014-2020 мегирад. Дар тӯли ин ҳамкориҳо бахри тараққиёт, Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва рушди деҳот кӯмак мерасонад. Инчунин, Тоҷикистон аз ёрии минтақавӣ ва мавзӯъӣ дар соҳаҳои зерин бархурдор аст, аз ҷумла назорати сарҳадӣ ва мубориза алайҳи нашъаҷалобӣ (БОМКА/КАДАП), маориф (Карен, Эразмус+), ҳуқуқи инсон ва демократия (САДҲИ), сохторҳои ғайридавлатӣ (СҒД), нерӯ (ИФКА ва ИНОГЕЙТ), нақлиёт (ТРАСЕКА), тараққиёти корхонаҳои хурду миёна (ИФКА ва КА-Инвест), сулҳу субот, идораи захираҳои обӣ/ҳифзи муҳити зист ва амнияти ҳастаӣ (ИФКА, ЭУРЕКА ва САҲАР). Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон аз соли 1992 инҷониб фаъолият намуда, ҳамасола барои рушди мамлакат ба маблағи тақрибан 35 млн. евро кӯмак мерасонад.

**ТАМОС:** Намояндагии ИА дар Тоҷикистон

Нишонӣ: 734013, Тоҷикистон, Душанбе, кӯчаи Адҳамов, 74

Тел: ( +992 37) 221 74 07; Факс: (+992 37) 221 43 21

Почтаи электронӣ: Delegation-Tajikistan-PIC@eeas.europa.eu

Сомона: eeas.europa.eu/tajikistan

Саҳифаи мо дар Фейсбук: https://www.facebook.com/EUinTajikistan